Чунонки амалия гувоҳӣ медиҳад, соҳаи тиб танҳо худаш тамоми муаммоҳои бо ҳифзи саломатии одамон алоқамандро ҳал карда наметавонад. Бинобар ин, барои дар одамон ташаккул додани мавқеъҳои нави ҷаҳоншиносӣ, ки ба зарурати тарзи солими ҳаёт равона гардида, дар маҷмӯъ қисми муҳими муаммои ҳифзи саломатӣ мебошад, таъсироти педагогии муназзам ва ҳадафмандона зарур аст.

Барои тақвияти қисми таркибии дар боло зикршудаи омодагии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилот технологияҳоеро татбиқ бояд кард, ки барои таъсир

ба ҷанбаҳои психологӣ, фарҳангӣ, иҷтимоии рушди шахсият равона гардидаанд. Дар ин замина сатҳи баланди мубрамии муаммоҳое ошкор мегардад, ки бо ташаккули ҷаҳоншиносии ҳифзи солимӣ дар донишҷӯёни коллеҷҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманданд. Ташаккули чунин ҷаҳоншиносӣ бо фарогирии технологияҳои дахлдоре вобаста аст, ки дар фаъолияти ояндаи касбӣ бо муваффақият татбиқ хоҳанд шуд.

**Дараҷаи коркарди мавзӯи таҳқиқот**. Аксар мутафаккирони барҷаста муаммои тарбияи инсони солимро омӯхтаанд, то муайян кунанд, ки дар таълим кадом шароитро фароҳам бояд овард, ки солимии донишҷӯён ҳифз карда шавад. Ба ин мавзӯъ дар таълифоти худ Ж.Ж. Руссо, Я.А. Коменский, К.А. Гелветсий дахолат намудаанд. Ба муаммоҳои саломатӣ ҳамчунин педагогҳои барҷаста В.А. Сухомлинский, Л.С. Виготский, К.Д. Ушинский, Н.Н. Пирогов, П.П. Блонский таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардаанд.

Дар раванди таҳқиқ таҳлил ва ҷамъбасти таълифоте анҷом дода шуд, ки масъалаҳои методология ва назарияи ҳифзи саломатиро дар доираи раванди таҳсилот, ҳамчунин дар маҷмӯъ муаммоҳои коркарду татбиқи амалии технологияҳои педагогиро баррасӣ мекунанд. Чунончи, осори Г.К. Селевко, Ю.В. Науменко, В.А. Адолф, К.Г. Эрдинеева, О.Г. Смолянинова ба масъалаҳои коркарди технологияҳои педагогии, дар таҳсилоти касбӣ татбиқшаванда бахшида шудаанд.

Дар пажӯҳишоти В.В. Колбанов, В.П. Казначеев, Г.К. Зайтсев, Д.Н. Давиденко, Т.Г. Татарника, Ю.А. Лобейко аҳамияти ҷанбаи ҳифзи саломатӣ дар раванди таҳсилот дар доираи низоми муосири таълими касбӣ асоснок гардида, дар ин қарина зарурати ҷалби донишҷӯёни муассисаҳои таълимии касбии миёна ва олӣ ба фаъолият оид ба мустаҳкам кардани вазъи саломатӣ, ташаккули ангеза ба тарзи солими ҳаёт таъкид гардидааст.

Таҳқиқоти Л.Р. Храпал, Г.С. Саволайнен, А.А. Клименко, С.Н. Глазачев ба масъалаҳои такмили тарбияи ҷисмонӣ ва экологӣ дар муассисаҳои таълимии касбӣ бахшида шудаанд.

Дар таълифоти Ю.В. Науменко, В.Н. Кряж, Е.Е. Чепурних батафсил муаммоҳое баррасӣ шудаанд, ки бо беҳтар намудани интиқоли донишҳо дар соҳаи ҳифзи саломатӣ, парвариши малакаҳои идоракунии сарбориҳои эҳсосӣ ва ҷисмонии худашон алоқаманд аст.

Ба коркарди назариявии муаммои таҳқиқшаванда як қатор олимони маъруфи тоҷик саҳми назаррас гузоштаанд. Пеш аз ҳама, номҳои Х. Раҳимзода, А. Нуров, М. Лутфуллозода, И.Х. Каримова, Д. Шарипова, Ф. Шарифзода, Ш. Сафаров ва дигаронро зикр бояд кард. Дар таълифоти Х. Сабурӣ, А. Азизов, И. Бобоев, А.К. Бобоҷонов, Л.А. Губанова, Б. Боев, Б. Ашӯрова, Ш.А. Сафаров, Ф. Қурбонов, Д. Каримова, Б.Р. Қодиров, Т. Намозов ҷанбаҳои алоҳида ва хусусиятҳои истифодаи тарғиби густурдаи тарзи солими ҳаёт дар байни қишрҳои гуногуни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор гардидаанд.

Бо вуҷуди таваҷҷуҳи зиёди роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳли илм ба масъалаҳои ҳифзи саломатии насли ҷавон мо бояд қайд намоем, ки дар бораи вазъи саломатии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгорӣ иттилоот амалан вуҷуд надорад.

Натиҷаҳои таҳлили сарчашмаҳои оид ба мавзӯи баррасишаванда моро ба хулосае овард, ки ба масъалаҳои коркард ва татбиқи амалии технологияҳои педагогии ба амалисозии фаъолияти ҳифзи саломатӣ дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, коллеҷҳои омӯзгорӣ равонашуда таваҷҷуҳи нокифоя зоҳир гардидааст. Дар асоси нуктаҳои зикршуда муаммои таҳқиқот аз он иборат аст, ки технологияи ҳифзи саломатӣ дар раванди таҳсилоти муассисаҳои миёнаи касбии омӯзгорӣ тарҳрезӣ (амсиласозӣ) шавад, ки тавозуни байни қисми таълимии фаъолияти коллеҷ ва ҳифзи саломатии донишҷӯёни онро имкон медиҳад.

Муаммои таҳқиқоти диссертатсионӣ зарурати ҳалли назариявию амалии **ихтилофоти зеринро** пешбинӣ менамояд:

- байни сатҳи баланди талабот дар бозори меҳнат ба мутахассисони соҳибтахассус, ҷисман солим, рақобатпазир ва сатҳи нокифояи коркарди масъалаҳое, ки бо ҳифзи саломатии мутахассисони оянда дар раванди таҳсилот алоқаманданд.

- байни дидгоҳҳои дар назарияи педагогика вуҷуддошта нисбат ба масъалаҳои коркарду амалисозии технологияҳои ҳифзи саломатии донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ ва то ҳол коркард нашудани муаммоҳое, ки бо амсиласозии ин технологияҳо ҷиҳати татбиқ дар фаъолияти коллеҷҳои педагогӣ алоқаманд мебошанд.

Муаммои таҳқиқот, инчунин зарурати ҳалли ихтилофоти мазкур интихоби мавзӯи кори диссертатсиониро асоснок намуданд: «Технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар муҳити таълимии коллеҷҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ё мавзӯъҳои илмӣ**. Иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сифати яке аз унсурҳои амалисозии барномаҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои солҳои 2018-2022, ки ба методу технологияҳои ташаккули тарзи солими ҳаёти донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ дар раванди кори аудиторӣ бахшида шудааст, ҳамчунин бо мақсади амалисозии муқаррароти асосии Стратегияи миллӣ оид ба ташаккули тарзи солими ҳаёт дар аҳолии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри с.2010, №560) иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Ҳадафи таҳқиқот** - аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудан, коркард ва дар амалия санҷидани амсилаи технологияи ҳифзи саломатӣ дар доираи раванди таҳсилоти коллеҷҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** - раванди таҳсил дар муассисаи таълимии миёнаи омӯзгорӣ.

**Предмети таҳқиқот** - методика ва технологияҳое, ки ба ҳифзи саломатии донишҷӯёни коллеҷҳои омӯзгорӣ равона гардида, таъйиноти онҳо таъмини тавозуни зарурӣ байни саломатии онҳо ва сатҳи омодагии касбӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот**: дар раванди таҳсилоти муассисаи таълимии миёнаи омӯзгорӣ ба тавозуни байни ҳифзи саломатии донишҷӯён ва сатҳи омодагии касбии онҳо ноил гардидан мумкин аст, агар риояи шартҳои зерин таъмин гардад:

- риояи принсипи инфиродигардонии маҳруки (траектория) таҳсилотии донишҷӯёни коллеҷҳои омӯзгорӣ;

- раванди тарҳрезии технологияи ҳифзи саломатӣ бояд истифодаи муназзами методикаҳои педагогиро бояд пешбинӣ намояд, ки ба ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён бидуни оқибатҳои манфӣ ба саломатии онҳо равона гардидаанд;

- раванди таҳсилот дар коллеҷи омӯзгорӣ бояд бо назардошти на танҳо сатҳи комёбиҳои донишҷӯён, балки вазъи саломатии онҳо ба роҳ монда шавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Ҳадаф ва муаммои таҳқиқот интихоби чунин вазифаҳои таҳқиқотро таъйин карданд:

1. Муайян кардани дараҷаи коркарди амалӣ ва назариявии масъалаҳое, ки бо рушди сатҳи таҳсилоти донишҷӯён ва ҳамзамон бо ҳифзу рушди саломатии онҳо алоқаманданд.

2. Аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани заминаҳои коркарди технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар доираи раванди таҳсилоти муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгорӣ.

3. Коркарди амсилаи технологияи ҳифзи саломатӣ, ки ба амалисозии тавозуни байни сатҳи ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯён ва вазъи саломатии онҳо равона гардидааст.

4. Тасдиқ намудани сатҳи самаранокии технологияи коркардшуда дар рафти санҷиши амалӣ дар доираи раванди таҳсилоти коллеҷи омӯзгорӣ.

**Марҳалаҳои таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор марҳалаҳои пайдарпайро дар бар гирифт.

Дар доираи *марҳалаи якуми таҳқиқот* (солҳои 2018-2019) адабиёти методологӣ ва илмӣ оид ба муаммои баррасишаванда таҳлил гардида, вазъи ҳозираи муаммо арзёбӣ гардид; дастгоҳи мафҳумӣ дақиқ шуда, фарзияи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он ифода ёфтанд; коркарди барномаи таҳқиқот амалӣ гардида, самтҳои калидии он муайян шуданд.

*Марҳалаи дуюми таҳқиқот* (солҳои 2019-2020) ба таҳқиқоти таҷрибавӣ бахшида шуд; тестгирӣ ва анкетагирӣ аз иштирокчиёни озмоиш, пурсишҳо ва мушоҳидаҳо гузаронида шуданд. Қисми хотимавии озмоиши амалӣ гардид.

Дар *марҳалаи сеюми таҳқиқот* (солҳои 2021-2022) натиҷаҳои ҳосилшуда таҳлил гардида, хулосаҳои назариявӣ баровард шуданд. Маълумоти хулосавии озмоиш ҷамъбаст ва мураттаб гардиданд. Маводи таҳқиқот дар шакли диссертатсия ифода ёфтанд.

**Асоси методологии таҳқиқот** аз муқаррароти таълимот оид ба қонуният ва моҳияти рушди шахсият; коркардҳои назариявӣ дар бораи робитаи мутақобил байни хусусӣ ва умумӣ иборатанд. Дар таҳқиқот дидгоҳҳои зерини методологӣ истифода шуданд:

- дидгоҳи салоҳиятнокӣ, ки баррасии хусусиятҳои рушди шахсиятии донишҷӯёни коллеҷҳои педагогиро имкон медиҳад (И.А. Зимняя, В.П. Беспалко, В.А. Адолф ва диг.);

- дидгоҳи фаъолиятӣ, ки бо такя ба он асосҳои методологии технологияҳои ҳифзи саломатӣ аз нуқтаи назари раванд муайян карда мешаванд (Ю.А. Лобейко, А.Н. Леонтев, Л.С. Виготский ва диг.);

- дидгоҳи муназзам (системавӣ) ба рушди шахсият ва ташкили низомҳои педагогӣ (В.Н. Садовский, И.В. Блауберг, Э.Г. Юдин ва диг.).

**Асоси назариявии таҳқиқот**:

- назарияи рушди фазои таҳсилот (М.Н. Скаткин, Ю.С. Мануйлов, Т.А. Крюкова ва диг.);
- муқаррароти методӣ ва консептуалӣ оид ба нақши тарбияи ҷисмонӣ дар ҳифзи саломатии донишҷӯён (Л.И. Лубишева, В.К. Балсевич, П.Ф. Лесгафт, А.А. Клименко ва диг.);
- дидгоҳҳои инсонпарварона, ки асоси таҳсилоти ба шахсият нигаронидаро ташкил медиҳанд (В.В. Сериков, К. Роҷерс, С.В. Кулневич ва диг.);
- коркардҳои назариявӣ дар соҳаи фаъолияти педагогӣ ва иҷтимоӣ (Х. Раҳимзода, А. Нуров, И.Х. Каримова, М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, Ш. Сафаров, Б. Раҳимов ва диг.);
- дидгоҳи маҷмӯӣ ба раванди ташаккули шахсият ҳамчун низоме, ки ба худинкишофдиҳӣ қобилият дошта, хусусияти бисёрамалкунанда (бисёрфунксионалӣ) дорад (С.Л. Рубинштейн, К. Роҷерс, Л.С. Виготский ва диг.).

**Методҳои таҳқиқот**. Барои ҳалли вазифаҳои таҳқиқот маҷмӯи **методҳои** бо ҳам алоқаманд ва якдигарро пурракунанда истифода шуданд:

- методҳои таҳлили оморӣ ва математикӣ;
- методҳои ташхисӣ ва таҷрибавӣ (пурсиш, суҳбат, фароҳам овардани вазъияти педагогӣ, гузаронидани озмоишҳои педагогӣ, мушоҳида ва ғ.).

**Сарчашмаҳои таҳқиқот**. Адабиёт оид ба тиб, психология ва педагогика, пойгоҳи меъёрӣ дар соҳаи фаъолияти тиббӣ, психологӣ ва педагогии низоми таҳсилот; пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти соҳаи маорифро танзим мекунад: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», барномаҳо ва стратегияҳои миллӣ дар соҳаи ҳифз ва мустаҳкамкунии саломатии аҳолии Тоҷикистон: Барномаи давлатии ташаккули тарзи солими ҳаёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи миллии рушд барои солҳои 2007-2015; Стратегияи миллии ҳифзи саломатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020; паёмҳо ва маърӯзаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таълифоти илмӣ ва дидгоҳҳои олимони пешбари ватанӣ ва кишварҳои ИДМ, ки ба ҷанбаҳои психологиву педагогии фаъолияти ҳифзи саломатӣ бахшида шудаанд; таҳқиқоти назариявӣ оид ба муаммои баррасишаванда, интишороти табибон ва педагогҳои амалкунанда дар нашрияҳои махсус бо мавқеъҳои онҳо оид ба масъалаи мазкур, маводи семинарҳо ва конференсияҳои илмӣ, таълифоти муҳаққиқони тоҷик оид ба мавзӯи баррасишаванда.

**Асосҳои таҷрибавии (эмпирӣ) таҳқиқот** принсипҳои умумии синтез ва таҳлил, методи тафсири мафҳумҳои калидиро ҳамчун яке аз воситаҳои таҳлили методологӣ ва мантиқӣ; методи тағйирдиҳӣ, ҷамъбаст, мушаххас намудани мафҳумҳои умумӣ, амсиласозӣ ташкил доданд. Ғайр аз асоси таҷрибавӣ, ба ҳосилшавии натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ ҳамчунин истифодаи методҳои банақшагирии озмоиш, мушоҳидаҳо, суҳбатҳо ва пурсишҳо, таҳлили натиҷаҳои кори озмоишӣ, санҷиши хулосаҳои асосии назариявӣ ва тавсияҳо дар рафти озмоишҳои амалӣ мусоидат намуданд.

**Ташкил ва пойгоҳи кори таҳқиқотӣ**. Санҷиши қисми мундариҷавӣ ва технологияи ҳифзи саломатӣ дар доираи раванди таҳсилот дар пойгоҳи муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгорӣ, аз ҷумла, дар Коллеҷи омӯзгории шаҳри Хуҷанд, Коллеҷи омӯзгории шаҳри Конибодом ба номи М. Турсунзода, Коллеҷи омӯзгории н.Зафаробод, Коллеҷи омӯзгории н.Мастчоҳи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Дар маҷмӯъ, дар таҳқиқот 600 нафар донишҷӯи коллеҷҳои омӯзгорӣ иштирок карданд.

**Навоварии илмии таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин ифода ёфтааст:

1. Асоснокии методӣ ва назариявии ҳифзи саломатии донишҷӯёни коллеҷҳои омӯзгорӣ пешниҳод гардид, ки ангезиши онҳо ба тарзи солими ҳаёт бо мақсади амалисозии имконияти худ дар сатҳи шахсиятӣ ва касбӣ, гузоштани саҳми худ дар рушди ҷомеа равона шудааст.

2. Коркарди амсилаи технологияи ҳифзи саломатӣ дар доираи раванди таҳсилоти коллеҷҳои омӯзгорӣ анҷом дода шуд, ки ба ангезиши донишҷӯён барои амалисозии фаъолияти фаъолонаи солимгардонанда дар доираи раванди таҳсилот ҳамчун таҳкурсии такомули шахсӣ ва касбӣ асос ёфтааст.

3. Асоснокии дидгоҳҳо ба масъалаи тарҳрезии технологияи ҳифзи саломатӣ дар доираи раванди таҳсилот дар муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгорӣ пешниҳод гардид, ки асоси онро иттилоот оид ба сатҳи таҳсилоти донишҷӯён ва вазъи саломатии онҳо ташкил медиҳад.

4. Коркарди технологияи ҳифзкунандаи саломатӣ дар доираи раванди таҳсилот анҷом дода шуд, ки татбиқи принсипи модулиро ҳамчун заминаи амалисозии маҳрукҳои (траектория) инфиродии таҳсилот пешбинӣ менамояд, ки зимни коркарди онҳо сатҳи ташаккулёбии салоҳиятҳои касбии донишҷӯён ва вазъи саломатии онҳо ба назар гирифта мешаванд.

**Муқаррароти асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**:

1. Зери мафҳуми ҳифзи саломатӣ мо маҷмӯи шаклҳои хоси ҳаёти ҳаррӯзаро мефаҳмем, ки ба нигаҳдорӣ ва мустаҳкамкунии солимии инсон мусоидат менамоянд. Он қисми ҳамгирои раванди таҳсилот дар муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгорӣ буда, тариқи аз ҷониби донишҷӯён дарк гардидани аҳамияти ҳифз ва таҳкими саломатии худ ҳамчун яке аз захираҳои калидӣ ташаккул меёбад, ки таъмини осудаҳолӣ, комёбии касбӣ ва рақобатпазириро дар бозори имрӯзаи меҳнат имкон медиҳад.

2. Фазои таҳсилоти муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори ташаккули ҷаҳоншиносии нави ҷавонон вазифаи муҳимро иҷро мекунад, ки ангезиши тарзи солими ҳаёт ва дарки аҳамияти ҳифзу мустаҳкамкунии саломатиро фаро гирифта, аз ҷанбаҳои зерин иборат аст:

- татбиқи дидгоҳҳои инсонпарварона зимни ташаккул додани ҷаҳоншиносӣ ва низоми арзишҳои донишҷӯён;
- фаъолгардонии ҷанбаҳои шахсиятӣ–инкишофдиҳанда,ислоҳкунанда, ташаккулдиҳанда ва ташхисии раванди таҳсилот;
- истифодаи доираи васеи технологияҳои ҳифзи саломатӣ.

3. Бо ёрии амсилаи технологияи ҳифзи саломатӣ дар доираи раванди таҳсилоти муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгорӣ мо имкон дорем, ки раванди

таълимро бо тамоми робитаҳои байни қисмҳои он аёнӣ муаррифӣ намоем. Амсила қисмҳои мундариҷавӣ–методологӣ, мақсаднок, натиҷавӣ–баҳодиҳӣ, технологӣ ва ташкилиро фаро мегирад.

4. Вазифаҳои истифодаи технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар доираи раванди таҳсилоти низоми таълими касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мусоидат ба рушди мутаносиби шахсияти донишҷӯён, таъмини шароит барои ҳифзу мустаҳкам кардани саломатии онҳо дар раванди таҳсилот иборат аст, то ки дар оянда онҳо иқтидори эҷодиву зеҳнии худро дар фаъолияти касбӣ ҳаддалимкон самаранок ошкор намуда, худро ҳамчун созандагони ҷомеаи нав татбиқ намоянд. Барои ноилшавӣ ба ин ҳадаф шартҳои зеринро риоя бояд кард:

а) фаъолгардонии қисми фарҳангшиносии низоми таҳсилот дар доираи раванди таълиму тарбия бо мақсади рушди ангезиши донишҷӯён ба тарзи солими ҳаёт, фаҳмиши аҳамияти ҳифзу мустаҳкамкунии саломатӣ ҳам барои тақдири фарди алоҳида, ҳам ҷомеа;

б) раванди таҳсилот бояд на танҳо интиқоли маҷмӯи маҳорат, донишу малакаҳои хусусияташон касбӣ, балки ташаккули низоми арзишҳо ва ангезишро бо назардошти эҳтиёҷоту манфиатҳои ҳам фарди алоҳида, ҳам ҷомеа фаро гирад.

5. Самаранокии истифодаи технологияи ҳифзи саломатиро дар муассисаҳои таълимии омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон мо тариқи корҳои зерин баҳо дода метавонем:

- вусъати назарраси донишҳои муҳассилин дар бораи технологияҳои ҳифзи саломатӣ ва аз ҷониби онҳо дарк шудани аҳамияти ҳифзи саломатӣ ҳам барои фарди алоҳида, ҳам барои ҷомеа;
- ташаккули ангезиши тарзи ҳаёти солим, фаҳмиши саломатӣ ҳамчун омили калидие, ки муваффақияти касбӣ ва шахсиятиро таъмин менамоянд;
- афзоиши назарраси миқдори донишҷӯёне, ки бо варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ мунтазам машғуланд, беҳтар шудани вазъи саломатии ҷисмонии онҳо.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот**:

- мазмуни истилоҳи «ҳифзи саломатӣ» дақиқ гардид, ки онро мо ҳамчун маҷмӯи шаклҳои типии ҳаёти ҳаррӯзаи ба ҳифзу мустаҳкамкунии саломатии инсон мусоидаткунанда мефаҳмем;
- самтҳои калидии фароҳам овардани фазои таҳсилоти коллеҷи омӯзгорӣ баррасӣ шуданд: истифодаи дидгоҳҳои инсонпарварона зимни ташаккули ҷаҳоншиносӣ ва низоми арзишҳои донишҷӯён; фаъолгардонии ҷанбаҳои шахсиятӣ-инкишофдиҳӣ, ислоҳкунанда, ташаккулдиҳанда ва ташхисии раванди таҳсилот; истифодаи доираи васеи технологияҳои ҳифзи саломатӣ;
- ҷанбаҳои зерини технологияҳои ҳифзи саломатӣ асоснок гардиданд: шахсӣ-субъектӣ, педагогӣ ва идоракунӣ.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки татбиқи натиҷаҳои он дар раванди таҳсилоти муассисаҳои миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок амалӣ кардани қисми ҳифзи саломатиро дар раванди таҳсилоти муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгорӣ имкон медиҳад. Дар рафти таҳқиқоти озмоишӣ коркард ва ҷорӣ намудани амсилаи технологияи ҳифзи саломатӣ дар муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид, ки баланд бардоштани сатҳи сифати раванди таълимро имкон дод; воситаҳои

самташон ташхисӣ коркард шуданд, ки имкони баҳодиҳӣ ва назорати самараноки вазъи фаъолияти ҳифзи саломатиро дар муассисаи таълимӣ фароҳам меорад.

**Дараҷаи боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот**. Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои кори таҳқиқотиро истифодаи маҷмӯи методҳое, ки ба мантиқи таҳқиқот, вазифаҳо ва ҳадафи он мувофиқанд; мутобиқати натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ ба натиҷаҳои коркардҳои дигари назариявӣ ва амалие, ки муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ анҷом додаанд; аҳамияти илмии натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ ва имконияти такрори он таъмин менамояд.

**Мутобиқати таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзӯъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба самтҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 - Назария ва методикаи илмҳои ҷамъиятӣ) мувофиқанд: *банди 4* - Омодасозии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти касбии миёна ва олӣ; *банди 13* - Муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти касбии миёна ва олӣ; *банди 25* - Равандҳои ҳамгироӣ дар таҳсилоти касбӣ.

**Саҳми шахсии муаллиф**. Саҳми шахсии унвонҷӯ аз таҳлилу баррасии ҳаматарафаи муаммои таҳқиқот, амалисозии таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ дар мувофиқат бо методикаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок, коркарди хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои методӣ, ки тасдиқи амалӣ ёфтанд; азсанҷишгузаронӣ ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ ва иштирок дар семинару конференсияҳои илмӣ иборат аст.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот**. Натиҷаҳои таҳқиқот дар як қатор интишороти илмӣ дар нашрияҳои тақризии тавсиянамудани КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ инъикос ёфтанд. Муқаррароти калидии таҳқиқот, ҳамчунин натиҷаву хулосаҳои он мавзӯи баррасиву муҳокимаи конференсияҳои гуногун - аз сатҳи донишгоҳӣ то байналмилалӣ гардиданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия**. Мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бештар аз 14 интишорот, аз ҷумла дар 8 мақола инъикос ёфтааст, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи илмӣ аз феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуданд.

**Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба мантиқи он пурра мувофиқ буда, аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашудаи фарогири 263 номгӯй, 7 диаграмма, 8 расм, 14 ҷадвал ва замима иборат аст. Ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ 156 саҳифаро дар бар мегирад.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** асоснокии мубрамии мавзӯи таҳқиқот пешниҳод гардида, дараҷаи коркарди он муқаррар гардидааст, ҳадаф, объект, предмети таҳқиқот ифода ёфтаанд; вазифаҳо, методҳо, марҳалаҳои таҳқиқот зикр шудаанд; пойгоҳи озмоиш маълум карда шуда, навоварии илмии таҳқиқот муайян гардида, боэътимодии натиҷаҳо асоснок шудааст, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён гардидаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «**Асосҳои назариявии амсиласозии раванди таҳсилоти ҳифзи саломатӣ дар илми педагогика**» мундариҷаи моҳиятӣ ва махсусияти раванди ҳифзи саломатӣ дар асоси шиносоӣ ва таҳлили таҳқиқоти психологию педагогӣ муайян шудааст, ҷанбаи технологии ҳифзи саломатӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои амсиласозии технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар муҳити таҳсилоти коллеҷ ошкор шудаанд.

Дар фасли якуми ин боб «**Моҳият ва хусусиятҳои ҳифзи саломатӣ дар таҳқиқоти муосири психологию педагогӣ**» таҳқиқ шудаанд. Пеш аз ҳама, чашмандози таълифоти файласуфони Юнони Қадим, мутафаккирони асримиёнагӣ, Давраи Эҳё, намояндагони барҷастаи адабиёти классикии тоҷик амалӣ гардидааст, ки дар онҳо ақидаҳо оид ба рушди кофии соҳаҳои ҳам маънавӣ, ҳам ҷисмонии ҳаёти инсон баён гардидаанд. Мавқеи файласуфон, мутафаккирон, адибон оид ба масъалаҳои дарки фалсафии ҳамгирошавии меҳнати зеҳнӣ ва ҷисмонӣ, таълимоти ҷаҳоншиносона ва динӣ, тарғиби солимии ҷисмонӣ таҳлил шудаанд.

Тарғиби анъанаҳои миллии тарзи солими ҳаётро дар рисолаҳои Закариё Рози «Китоб-ут-тиб » ва Абӯалӣ ибн Сино, махсусан дар китоби 5-ҷилдаи ӯ «Ал-қонун фи тиб» вомехӯрем. Ба ғайр аз тавсияҳо оид ба тарбияи маънавӣ дар китобҳои онҳо зарурати тарзи солими ҳаётгузаронӣ ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани ҷисм таъкид гардидааст.

Моҳияту мундариҷаи мафҳуми «ҳифзи саломатӣ» аз ҷониби олимони давраҳои гуногун бо назардошти ҷанбаҳое, мисли варзишию педагогӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, тиббию педагогӣ, оилавию маишӣ ва тиббию пешгирӣ амалӣ шудааст. Дар қаринаи муаммои таҳқиқшаванда фаҳмиши чунин далел ҷолиб аст, ки шахсият дар ҳаёт ҳам дар фаъолияти амалӣ (фаъолияти меҳнатӣ, фаъолнокии ҷисмонӣ ва ғ.), ҳам тавассути падидаҳои вобаста ба шуур ва рӯҳи инсон (донишҳо, эҳсосот, ирода ва ғ.) шаклҳои гуногунро зоҳир карда метавонад.

Инсоният дар маҷмӯъ то оғози асри XX ҳаҷми бузурги донишҳоро дар соҳаи ҳифзи саломатӣ дар доираи таҳқиқоти гуногун андӯхтааст, ки биологҳо, ҷомеашиносон, табибон, психологҳо, мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ анҷом додаанд. Ин равандҳо боиси пайдоиши валеология гардид, ки ба ифодаи И.И. Брехман фанни «бо тиб дӯст» аст. Ин самти маърифат ба тарзи солими ҳаёт ва технологияҳое нигаронида шудааст, ки таъйиноти онҳо ҳифз ва рушди саломатӣ мебошанд [45].

Технологияҳои ҳифзи саломатӣ аз мавқеи фарҳангшиносӣ аз ҷониби Н.А. Еншин, В.И. Глухов, Н.В. Гаранжа, С.И, Максименко, Н.А. Коваленко ва дигарон коркард шудаанд, ки баррасии ҷузъи ҳифзи саломатиро дар раванди таълим бо назардошти рушди фарҳанги шахсии фард ва дар маҷмӯъ, дархостҳои ҷомеа пешбинӣ менамояд. Ба ғайр аз ин, асоси методикаҳои муосири ҳифзи саломатиро унсурҳои ду фан ташкил медиҳанд, ки бо ҳамдигар зич алоқамананд - ҳифзи саломатии ҷомеа ва тиб.

Эҳтиёҷ барои ҳифзи саломатӣ аз ҷониби аксари муҳаққиқон ҳамчун ангезаҳои амалҳои фард баррасӣ мешавад, ки дар радифи ҷанбаҳои дигар эҳтиёҷи фаъолнокии ҷисмонӣ; эҳсоси лаззати эстетикӣ; қонеъ гардонидани «Ман»-и худ; фароғат барои беҳдошти ҳолати эҳсосӣ, дилхушиҳо, бозӣ, муошират бо дӯстон ва

ғайраро дарбар мегирад. Қайд бояд кард, ки зимни суханронӣ оид ба технологияҳои ҳифзи саломатӣ мо аз кафолати одии ёрии тиббӣ чизи бештареро дар назар дорем.

Мавҷудияти ҳамбастагии вазъи саломатии инсон ва тарзи ҳаёти ӯ дар худи мафҳуми «тарзи солими ҳаёт» ифода ёфтааст, ки дар самтҳои гуногуни фанҳои ҳамҳудуд, масалан, акмеология ё валеология калидӣ ба шумор мераванд.

Акмеология саломатиро як навъ тамомияти фард баррасӣ менамояд, ки хусусияти ҳамгиро дошта, дар созгории мутаносиби ҷузъҳои биологӣ ва иҷтимоии шахсият дар раванди рушди ӯ дар доираи шароити мушаххас ифода мeёбад, ки асоси онро низоми арзишҳои ахлоқию маънавӣ ташкил медиҳанд (Н.М. Полетаев) [182].

Асосҳои назариявии зарурати истифодаи густурдаи технологияҳои ҳифзи саломатиро дар раванди таълими муассисаҳои миёнаи касбии омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, саҳми назарраси таҳқиқоти соҳаи психологияро дар ҳудуди асрҳои ҳозира ва гузашта қайд бояд кард, ки ба муқаррарот оид ба он асос ёфтаанд, ки фаъолгардонии зуҳуроти фаъолияти зеҳнӣ, мисли тахайюл, хотир ё диққат ба сатҳи фаъолнокии ҷисмонии фард хеле вобастаанд. Дар робита ба ин, дар диссертатсия нуқтаи назари Л.С. Виготский, А.Н. Леонтев ва олимони дигар омӯхта шудаанд.

Дар шароити муосир зарурати таҷдиди назарраси қисми мундариҷавии таҳсилоти олӣ мубрамии бештарро пайдо карда истодааст, ки асосан бо вазифаҳои он оид ба ташаккули ҷаҳоншиносии инсонпарварона ва фарҳанги умумии донишҷӯён алоқаманд мебошад. Ҳамин тавр, мубрамии масъалаҳои коркард, аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудан ва амсиласозии технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар раванди таҳсили коллеҷҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳифзу мустаҳкам кардани саломатии педагогҳои оянда ва дар маҷмӯъ, миллат возеҳ аст.

Дар фасли дуюми ин боб «**Ҷанбаи технологии ҳифзи саломатӣ дар муҳити таълимии коллеҷ**» таҳлил шудааст. Муқаррар гардидааст, ки технологияҳои ҳифзи саломатӣ, ки дар раванди таҳсилоти кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон истифода мешаванд, ба консепсия ва назарияҳои психологии зерин асос ёфтаанд: - консепсияи мӯътақид намудан дар соҳаи ҳифзи саломатӣ; - амсилаи ҳамкории эътимодбахш ва таъсироти омилҳои иҷтимоӣ; - консепсияи маҳорати ҳаётӣ; - амсилаи худдарккунӣ; - назарияи фаъолияти асосноку ангезишӣ; - консепсияи қабули қарорҳо.

Фарҳанги тарзи солими ҳаётро тариқи идоракунии технологияҳои ҳифзи саломатӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи раванди таҳсилот дар сатҳҳои зерин ташаккул додан мумкин аст: Якум, дар сатҳи идоракунии кори омӯзгор, ки раванди таълимро ба роҳ мемонад; дуюм, дар сатҳи идоракунии фаъолияти таълимии донишҷӯён.

Ҳадафи калидии педагоги муосир дар раванди таълим ташаккули инсони солим, ҳаматарафарушдёфта аст ва барои ин худи ӯ бояд саломатии хуб дошта бошад. Ин ҷанбаҳо солҳои охир дар раванди таълими коллеҷҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон бомуваффақият амалӣ шуда истодаанд. Муассисаҳои таълимие, ки дар кори мустаҳкам кардани саломатии донишҷӯён ба комёбиҳои

назаррас ноил гардидаанд, бо кордонӣ, муносибати масъулиятнок ба татбиқи технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар раванди таълим фарқ мекунанд [263].

Бо такя ба таҳқиқоти дахлдори И.П. Волков, Г.К. Селевко, Н.К. Смирнов, В.Д. Сонкин мавқеи муаллифи диссертатсия оид ба мафҳумҳои «технологияи педагогӣ» ва «технологияҳои таълимии ҳифзи саломатӣ» баён гардидааст.

Дар доираи фасли мазкур дараҷабандии технологияҳои ҳифзи саломатӣ вобаста ба сатҳи ҷалби донишҷӯён раванди таълим пешниҳод шуд: - технологияҳои хусусияташон берун аз субъектӣ, ки ба фароҳам овардани фазои таҳсилоти дорои хусусияти ҳифзи саломатӣ, ҳамчунин оқилона намудани раванди таълим равона гардидаанд; - технологияҳое, ки нақши камфаъоли донишҷӯёнро пешбинӣ мекунанд: масҳ, навъҳои гуногуни таъсироти терапевтӣ ва ғ.; - технологияҳое, ки дар онҳо донишҷӯён фаъоланд: машғулият бо варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, фаъолияти таълимӣ дар соҳаи саломатӣ, ташаккули ҷаҳоншиносие, ки ба тарзи солими ҳаёт нигаронида шудааст.

Ҷузъҳои самараноктарини фаъолияти коллеҷ дар кори таъмини вазифаҳои ҳифзи саломатӣ дар рафти коркарди технологияи ҳифзи саломатӣ истифода шуданд, ки дар пойгоҳи коллеҷҳои омӯзгории вилояти Суғд санҷида шуданд. Хусусиятҳои технологияи мазкур дар шакли ҷамъбастӣ дар ҷадвал нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали №1. Тавсифномаи ҷамъбастии технологияҳои педагогии ҳифзи саломатӣ**

| Сохтори технологияи таълимии ҳифзи саломатӣ | Нишонаҳои технологӣ будан | Шартҳои барои амалисозӣ зарур |
|---|---|---|
| Мавқеъҳои асосии консептуалӣ: асосҳои методологӣ ва назариявӣ, маҷмӯи дидгоҳҳо ва принсипҳо | Хусусият консептуалӣ | Дарки дурусти ғоя, фаҳмиши моҳияти он |
| Асосҳои моҳиятӣ: ҳадафу воси-таҳои мушаххас; унсурҳои мушах-хаси технологияи ҳифзи саломатӣ | Хусусияти муназзамӣ (системанокӣ) | Таъминоти методӣ ва ташкилӣ |
| Асосҳои технологӣ: шароити педа-гогию психологие, ки барои таш-кили фаъолияти ҳифзи саломатӣ дар муассисаи таълимӣ заруранд | Мустақилият | Хусусияти мувофиқавии амалҳо, қобилияти мутобиқшавӣ |
| Шаклу методҳои фаъолияти педа-гогии ҳифзи саломатӣ | Қобилият ба такроршавӣ ва идорашавӣ | Сатҳи баланди салоҳиятнокии касбии педагог |
| Натиҷаҳои татбиқи технологияи таҳсилотии ҳифзи саломатӣ | Сатҳи кофии самаранокӣ | Имконияти баҳодиҳии объективии сатҳи са-маранокии техноло-гияи татбиқшаванда |

Ин фаслро хулоса карда, бояд қайд кард, ки вазъияти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммои мустаҳкам ва ҳифз кардани аҳолии кишварро дар

мадди аввал қарор медиҳад, ки яке аз самтҳои муҳими он коркард ва татбиқи васеи технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар соҳаи маориф мебошад. Махсусияти фаъолияти ҳифзи саломатӣ дар муассисаҳои таълимии мушаххас, кори таълимиву маърифатӣ бо донишҷӯён оид ба масъалаҳои саломатӣ бо ҷанбаҳои мушаххаси амсилаҳои технологияҳои ҳифзи саломатӣ таъйин мегардад, ки бо ҳамин мақсад коркард шудаанд.

Дар фасли сеюми ин боб «**Амсиласозии технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар муҳити таҳсилоти коллеҷи омӯзгорӣ**» мавриди таҳлил ва омузиш қарор гирифт. Бо такя ба тафсири мафҳуми «ҳифзи саломатӣ» баррасии дидгоҳҳои методологие анҷом дода шуд, ки зимни амсиласозии технологияҳои ҳифзи саломатӣ истифода мешаванд ва аз ҷумлаи онҳо дидгоҳи муназзаму фаъолиятӣ, синергетӣ, ба шахсият нигаронидаро зикр бояд кард. Моҳияти мафҳуми «салоҳиятнокии касбии омӯзгори оянда» ҳамчун маҷмӯи сифатҳои шахсие дақиқ гардид, ки барои амалисозии ҷанбаи ҳифзи саломатӣ дар фаъолияти педагогӣ заруранд; ҷузъи фарҳангшиносӣ баррасӣ гардидааст, ки бо нақши саломатии инсон дар рушди маънавии ӯ алоқаманд мебошад; ба фаъолгардии таҳқиқот дар соҳаи фарҳанги соматикӣ ишора шудааст, ҳамчунин дидгоҳҳои парсипативӣ, герменевтӣ ва вазифавӣ, ҷанбаҳои гендерӣ ва психологӣ зикр шудаанд.

Дар доираи фасли мазкур таҳқиқоте номбар шудаанд, ки махсус ба коркарди амсилаҳо, методи амсиласозӣ ва раванди он бахшида шудаанд. Амсиласозии педагогӣ дар таълифоти аксари муҳаққиқон дар шакли раванди муаррифӣ гардидааст, ки марҳалаҳои коркард, татбиқ ва ислоҳи минбаъдаи амсиларо бо мақсади беҳтаргардонии он фаро мегирад.

Бо такя ба таҳлили манбаъҳо метавон гуфт, ки методи амсиласозии технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар фазои таҳсилоти коллеҷҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад буда, ба самаранокии амалисозии ҷузъи ҳифзи саломатӣ дар раванди таълим таъсири мусбат расонида метавонад.

**Ҷадвали №2. Амсилаи технологияи ҳифзи саломатӣ дар муҳити таҳсилотии муассисаи таълимии миёнаи омӯзгорӣ**

| Қисми ангезишӣ- ҳадафнок | Дархости иҷтимоӣ, эҳтиёҷоти ҷомеа ва фард | |
|---|---|---|
| | Ҳадаф: дар донишҷӯён ташаккул додани ангезиш ба фаъолияти ҳифзкунандаи саломатӣ, ба онҳо интиқол додани малакаҳо, маҳорат ва донишҳое, ки барояшон омили ҳалкунандаи рақобатпазирӣ ва рушди иқтидори шахсӣ ва касбӣ дар маҷрои амалисозии стратегияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзу мустаҳкам кардани саломатии халқ хоҳад буд. | |
| | Вазифаҳо | |
| | 1. Бунёди фазои таҳсилоти муассисаи таълимии миёнаи омӯзгорӣ, ки ба ташаккули самтгирии ҷаҳонишавии донишҷӯён барои тарзи солими ҳаёт мусоидат менамояд.<br>2. Коркарди низоми шартҳои педагогӣ ва ташкилӣ барои амалисозии самараноки фаъолияти ҳифзи саломатӣ дар доираи раванди таълими муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br>3. Коркард ва амалӣ намудани технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар фазои таҳсилоти муассисаҳои таълими миёнаи омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон. | |
| Қисми мундар | Принсипҳо:<br>1) ягонагии амалия ва назария;<br>2) самтгирӣ ба ҳифзи саломатӣ | Дидгоҳҳо:<br>- муназзаму фаъолиятӣ;<br>- партисипативӣ; |

<table>
<tr><td rowspan="3"></td><td colspan="2">ҳамчун такмили шахсӣ ва касбӣ;<br>3) назорати фаврии истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи ҳифзи саломатӣ;<br>4) самтгирии солимкунандаи раванди таълим ва ғ.</td><td colspan="2">- фарҳангшиносона;<br>- гендерӣ;<br>- синергетӣ;<br>- салоҳиятнокӣ;<br>- шахсиятӣ-фаъолиятӣ.</td></tr>
<tr><td colspan="4">Мундариҷа</td></tr>
<tr><td>Ҷузъи ангезишӣ-арзишии ҳифзи саломатӣ</td><td>Ҷузъи когнитивии ҳифзи саломатӣ</td><td>Ҷузъи ба иҷтимоъ мутобиққунан-даи ҳифзи саломатӣ</td><td>Ҷузъи рушддиҳандаи шахсият дар ҳифзи саломатӣ</td></tr>
<tr><td>Қими технологӣ – ташкилӣ</td><td>Самтгирии методи-каҳо ва технология-ҳои ҳифзкунандаи саломатӣ-фаъолияти маҷмӯиву мақсаднок оид ба ташаккули ҷаҳоншиносии ҳифзи саломатӣ дар донишҷӯён. Қисми технологӣ-ташкилӣ: дар раванди таълим ҷорӣ намудани тех-нологияҳои ҳифзи саломатӣ; -мусоидат ба азхудкунии фар-ҳанги соматикӣ, фарогирии сифатҳои мувофиқи рӯҳӣ ва иродавӣ.</td><td>Функсияҳои технология: ташаккулдиҳӣ; ташхисӣ; иртиботӣ; мутобиққунӣ.</td><td>Шаклҳо, воситаҳо ва методҳо: тарғиб, рефлексия, исбот, тавзеҳ ва ғ. Инноватсионӣ: онлайн-машварат, тренинг, шаклҳои интерактивии раванди таҳсилот, мониторинг ва ғ.</td><td></td></tr>
<tr><td rowspan="2">Қисми натиҷавӣ-баҳодиҳӣ</td><td colspan="3">Меъёрҳо:<br>- дарки аҳамияти масъалаҳои ҳифзи саломатӣ;<br>- сатҳи ангезиш ба машғулияти серҳаракат ва дар маҷмӯъ, тарзи солими ҳаёт;<br>- кӯшиш ба худтакмилдиҳии ҷисмонӣ.</td><td>Сатҳҳо:<br>- паст;<br>- миёна;<br>- баланд.</td></tr>
<tr><td colspan="4">Натиҷа: муносибат ба тарзи солими ҳаёт ҳамчун меъёр, таҳкурсие, ки болои он муваффақияти шахсӣ ва касбӣ дар оянда бунёд мешавад; ташаккулёбии ҷаҳоншиносии ҳифзкунандаи саломатӣ, кӯшиши доимӣ барои мустаҳкам кардани саломатӣ тавассути серҳаракатӣ ва риояи принсипҳои тарзи солими ҳаёт.</td></tr>
</table>

Дар диссертатсия тавсифи муфассали қисмҳо, меъёру самтҳо, сатҳҳои амсилаи коркардшуда оварда шудааст.

Амсилаи коркард ва пешниҳодшуда ба ҳифз ва мустаҳкам кардани саломатии донишҷӯён равона гардида, истифодаи тамоми имконияти фанҳои таълимии ҳамҳудуд; интихоби сарбории мувофиқи ҷисмонӣ, истифодаи дурусти имконияти рӯҳию соматикии донишҷӯён, дар онҳо парвариши маҳорати идоракунии ҳаракатҳои худ, ташкили мониторинги мунтазамро аз ҷониби

омӯзгорон пешбинӣ менамояд. Ҳамчунин фуксияҳои ҳифзи саломатӣ дар шакли накша (ниг. Расми 1.2. дар матни дисс.), маҷмӯи маҳорати асосӣ нишон дода шудаанд, ки барои ҳифзи саломатии донишҷӯёни коллеҷҳои омӯзгорӣ равона гардидаанд (ниг. Расми 1.3. дар матни дисс.).

Дар шакли ҷамъбастӣ (Ҷадв. №3) андозаи нишондиҳанда ва меъёрҳое пешниҳод шуданд, ки ҷиҳати муайянкунии сатҳи ташаккулёбии ҷаҳоншиносии ҳифзи саломатӣ дар донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгорӣ имкон медиҳанд.

**Ҷадвали №3. Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккулёбии фарҳанги ҳифзи саломатӣ дар донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгорӣ**

| Меъёрҳо | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|
| Сатҳи паст | - набудани донишҳо дар соҳаи ҳифзи саломатӣ ва қобилият надоштан ба таҳлили вазъи саломатии худ;<br>- сатҳи нокифояи ангезиш ба ҳифзи саломатии худ;<br>- қобилият надоштан ба гузориши ҳадафҳо дар ин соҳа ва омода набудан барои ноилшавӣ ба онҳо;<br>- набудани хоҳиши машғулшавӣ бо машқҳои ҷисмонӣ;<br>- вокуниши бетарафона ба натиҷаҳои баҳодиҳӣ ба фаъолияти худ дар муассисаи таълимӣ дар соҳаи ҳифзи саломатӣ. |
| Сатҳи миёна | - ангезиши кофӣ барои фарогирии маҳорату донишҳо дар соҳи ҳифзу мустаҳкамкунии саломатӣ;<br>- кӯшиш ба фаъолияти ҷисмонӣ хусусияти номунтазам ва лаҳзавӣ дорад;<br>- сатҳи нокифояи фарогирии воситаву методҳои фароғати равонӣ ва ҷисмонӣ, ҳамчунин танзими иродавӣ ва эмотсионалӣ;<br>- мавҷудияти муаммоҳо зимни дарки аҳамияти саломатӣ ҳамчун арзиши асосӣ;<br>- майлу кӯшиш ба худтакмидиҳӣ дар соҳаи ҳифзи саломатӣ норавшан зоҳир гардидааст;<br>- назорати вазъи саломатии худ танҳо дар доираи мониторинги умумии саломатӣ дар муассисаи таълимӣ амалӣ мегардад. |
| Сатҳи баланд | - сатҳи баланди ангезиш барои азхудкунии донишу маҳорат дар соҳаи ҳифзи саломатӣ;<br>- муносибати бошуурона ба саломатӣ ҳамчун арзиши асосии инсон;<br>- маҳорати дуруст таҳлил кардани иқтидори организми худ, вазъи он;<br>- қобилият барои ошкорсозии хавфҳо барои саломатӣ, донистани воситаҳои расонидани ёрии аввалин;<br>- қобилияти худназорат ва маҳорати мустақилонаи ислоҳи амалҳои худ. |

Татбиқи амсилаи коркардшуда бояд ба чунин натиҷаҳо расонад: - ташаккули муносибати донишҷӯён ба масъалаҳои ҳифзи саломатӣ ҳамчун меъёр, омили муҳими рақобатпазирии оянда дар бозори меҳнат; - ташаккули кӯшиш барои худтакмилдиҳии муттасил ва қобилияти дуруст баҳо додани амалҳои худ дар соҳаи ҳифзи саломатӣ; - ташаккули фарҳанги тарзи солими ҳаёт, кӯшиш ба фаъолнокии ҷисмонӣ.

Дар боби дуюми диссертатсия «**Ҷанбаи мундариҷавию технологии ҳифзи саломатӣ дар муҳити таълимии коллеҷҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон**» хусусиятҳои ҳифзкунии саломатии донишҷӯёни коллеҷҳои омӯзгорӣ таҳлил гардида, мундариҷаи технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар онҳо ва самаранокии татбиқи технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар муҳити таълимии коллеҷҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст.

Дар фасли якуми ин боб «**Хусусиятҳои ҳифзи саломатии донишҷӯёни коллеҷҳои омӯзгорӣ**» дар асоси гузаронидани марҳалаи муқарраркунандаи озмоиш муайян шуданд, ки ҳадаф аз он муқаррар кардани сатҳи ибтидоии фаҳмиши донишҷӯёни коллеҷ оид ба ҷанбаҳои ҳифзу мустаҳкам кардани саломатии худ, донишҳои онҳо дар бораи методикаҳо ва воситаҳои ҳифзи саломатӣ, маънидоди мафҳуми «саломатӣ» ва ҳисси масъулият барои саломатии худ, нишондиҳандаҳои параметрҳои омодагии ҷисмонии онҳо буд.

Дар доираи фасли мазкур омилҳое муайян шуданд, ки пайдоиши ба истилоҳ афтодагии ҳиссиро бармеангезанд ва бо ин мақсад байни донишҷӯён пурсиш оид ба ҳолати онҳо пеш аз имтиҳон гузаронида шуд. Аз рӯйи натиҷаҳои марҳалаи муқарраркунандаи таҳқиқоти озмоишӣ 40% пурсидашудагон аз дилзанӣ шикоят карданд; 26% - аз бехобӣ азият мекарданд; 21% аз маҳдудшавии ҳаракатҳо, ларзидан ва аломатҳои дигари тонуси мушакҳо шикоят намуданд; 9% - дар қафаси сина ҳиссиёти нороҳаткунандаро қайд карданд; 4% - гирифтори дарди сар мешудаанд.

Дар диаграммаи поён таносуби фоизии ҷавобҳои оид ба сатҳи донишҳо ва татбиқи методикаҳое инъикос ёфтааст, ки барои танзими ҳолати эҳсосии донишҷӯён пеш аз имтиҳон равона гардидаанд.




**Диаграмма 1. Ҷавобҳо ба саволи вобаста ба донистан ва татбиқи методикаҳо**

Ҳамчунин, сатҳи фаҳмиши донишҷӯён оид ба истилоҳи «саломатӣ» аз мавқеи арзишмандии он бо истифодаи контент-методика муайян карда шуд.

**Ҷадвали №4. Тавзеҳи мафҳуми «саломатӣ» аз ҷониби иштирокчиён**

| **Вариантҳои ҷавобҳо оид ба гурӯҳҳои мавзӯӣ** | **Миқдори ҷавобҳо (%)** |
|---|---|
| Гурӯҳи №1 «Ҳолати хуб» | 36,3 |
| Гурӯҳи №2 «Дар ҳолати мавҷудияти он дар бораш фикр намекунӣ» | 24,8 |

| | |
|---|---|
| Гурӯҳи №3 «Набудани ҳиссиёти нораҳаткунанда | 19,3 |
| Гурӯҳи №4 «Ҳолати умумии хуби равонӣ ва ҷисмонӣ» | 19,6 |

Маълумоти натиҷаҳои пурсиш барои ошкорсозии сатҳи масъулият барои саломатии худ дар шакли диаграмма оварда шуданд.




**Диаграмма 2. Ҷавобҳои пурсидашудагон дар бораи масъулияти худ нисбат ба саломатӣ**

Мо муқаррар кардем, ки қисми бештари донишҷӯён боварӣ доранд, ки принсипҳои ҳифзи саломатиро риоя мекунанд ва ба вазъи солимии худ бомасъулият муносибат доранд.

Барои муайян намудани сатҳи рушди ҷисмонии донишҷӯён меъёру ченкуниҳои гуногун истифода мешаванд. [122, 197, 216]. Ҳангоми баррасии сатҳи якуми андозаҳо (параметрҳо) мо ба индекси Кетле ва индекси Эрисман муроҷиат кардем. Индекси аввал то кадом андоза мувофиқ будани вазни инсонро ба қади ӯ муайян мекунад. Индекси дуюм дараҷаи мутаносибии андомро тавсиф менамояд.

**Ҷадвали №5. Нишондиҳандаҳои сатҳи 1-ум дар донишҷӯён**

| Андозаҳо | Нишондиҳандаҳо ±X |
|---|---|
| **Индекси Кетле** | 328,7±23,71 |
| Давраи қафаси сина дар вақти нафаскашӣ (см) | 83,28±2,15 |
| Давраи қафаси сина дар вақти нафасбарорӣ (см) | 75,31±2,58 |
| Давраи қафаси сина дар вақти ист (см) | 83,06±2,55 |
| **Индекси Эрисман** | -0,14±2,23 |
| Ҳаҷми ҳаётии шушҳо | 2462,5±363,6 |

Чунонки маълумот гувоҳӣ медиҳанд, дар маҷмӯъ вазни пурсидашудагон ба қади онҳо мувофиқ аст, зимнан дар 13% онҳо аз меъёр каме зиёд будани вазн мушоҳида мешавад.

Андозаҳои сатҳи дуюмро омӯхта, мо донишҷӯёнро ба ду категория тақсим кардем: 1) категорияи асосӣ - донишҷӯён бидуни инҳирофи вазъи саломатӣ; 2) категорияи мушкилотдор: донишҷӯёне, ки дар вазъи саломатиашон ин ё он мушкилӣ доранд.

Дар ҷадвали зерин натиҷаҳои таҳқиқоти муқоисавӣ нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали №6. Нишондиҳандаҳои сатҳи 2-юми андозаҳои (омодагии ҷисмонӣ) донишҷӯёни ду категория**

| Андозаҳо | Нишондиҳандаҳои категорияи асосӣ ±X | Нишондиҳандаҳои категорияи мушкилот-дор ± X |
|---|---|---|
| Индекси тести тағйирдодаи Купер (м) | 728,2±76,5 | 514,2±69,5 |
| Аз фарш бо такя ба даст боло шудан | 15,9±2,39 | 6,8±3,53 |

| | | |
|---|---|---|
| Бардоштани тан аз ҳолати пуштнокӣ хобида (маротиба) | 45,5±4,87 | 22,2±5,64 |
| Нишастан бо такя ба пойи рост (маротиба) | 13,8±2,03 | 6,3±1,84 |
| Нишастан бо такя ба пойи чап (маротиба) | 14,3±2,03 | 6,29±2,03 |
| Хамшавӣ ба пеш ҳангоми истодан дар чорпояи гимнастикӣ (см) | 19,6±3,72 | 15,3±4,35 |

Дар асоси таҳлили муқоисавии натиҷаҳои тести сатҳи омодагии ҷисмонии донишҷӯёни категорияҳои асосӣ ва мушкилотдор мо фарқи байни онҳоро ҳам дар нишондиҳандаҳои тобоварии ҷисмонӣ, ҳам инкишофи чандирӣ, ҳамчунин сифат суръат ва қувватнокиро ошкор намудем.

**Ҷадвали №7. Нишондиҳандаҳои сатҳи 3-юми андозаҳои донишҷӯён**

| **Андозаҳо** | **Нишондиҳандаҳо ±X** |
|---|---|
| Басомади набз дар ҳолати оромӣ (зарба дар 1 дақ.) | 85,0±11,13 |
| Фишори хун, систоликӣ (мм. ст. симобӣ) | 109,9±11,75 |
| Фишори хун, диастоликӣ (мм. ст. симобӣ) | 67,9±8,56 |
| Вақти барқароршавии набз баъди 20 бор нишастан (дақ) | 3,7±0,55 |

Маълумоте, ки дар натиҷаи таҳқиқот ба даст омаданд, гувоҳӣ медиҳанд, ки баъди сарбории ҷисмонии шиддаташ стандартӣ барои донишҷӯён беш аз се дақиқа вақт лозим аст, ки сатҳи пасти мутобиқшавии организмро ба фаъолнокии ҷисмонӣ нишон медиҳад.

Натиҷаҳои марҳилаи муқарраркунандаро ҷамъбаст мекунем: аксари санҷидашудагон сатҳи миёна ва пасти ташаккули самтгирии ҷаҳоншиносонаро дар соҳаи ҳифзи саломатӣ, дарки зарурати худинкишофро дар ин самт нишон доданд. Дар маҷмӯъ, онҳо дорои маҳорати гузоштани ҳадафро барои мустаҳкамкунии саломатиашон надоранд. Танҳо 18% онҳо қобилияти барои худ дар ин соҳа таҳия кардани ягон барномаро доранд. Боз як натиҷаи таҳқиқот аз ҷониби донишҷӯён аз будаш баланд баҳо додани вазъи саломатии худ ва зимнан паст баҳо додани иқтидори организми худ буд.

Дар фасли дуюми ин боб «**Мундариҷаи технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар коллеҷҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон**» баррасӣ гардидааст. Дар озмоиши ташаккулдиҳанда - марҳалаи асосии таҳқиқот оид ба ташаккули фарҳанги ҳифзи саломатӣ дар донишҷӯёни коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамон 600 нафар донишҷӯ иштирок доштанд, ки дар доираи марҳалаи муқарраркунанда ҷалб гардиданд.

Ҷиҳати ҷорӣ намудани технологияҳои ҳифзи саломатӣ таҷдиди мундариҷаи раванди таълим дар самти тақвияти иқтидори организми донишҷӯён амалӣ гардид. Аз ҷумла, бо ин мақсад семинарҳои методӣ бо ҳайати омӯзгорон гузаронида шуда, технологияҳое, мисли «кӯшишҳои ба сӯйи ҳамдигар равона», интерактивӣ, онлайн-машваратҳо, тренингҳои ислоҳӣ-инкишофдиҳанда татбиқ гардиданд, ба ташаккули малакаҳои худислоҳкуниву худназорат ва ғайра бештар диққат дода шуд.

Ҷузъи бо ҷанбаи ҷисмонӣ алоқаманди марҳалаи амалии озмоиши ташаккулдиҳанда ба ҳалли вазифаҳои зерин равона гардид: - дар донишҷӯён ташаккул додани сифатҳои ҷисмоние, мисли пуртоқатӣ, чандирӣ, боқувватӣ; - ҳосил кардани малакаҳои назорат ва идоракунии ҳаракатҳои худ, ҳамчунин қобилияти амалисозии оқилонаи имконияти ҷисмонии худ.

Зимни татбиқи технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар раванди таълими коллеҷҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон се навъи машғулияти амалӣ истифода шуд: - хусусияташ мусобиқавӣ; - хусусияташ ташаккулдиҳанда; - хусусияташ аксуламалӣ. Барномаи дуруст тартибдодаи машқҳои ҷисмонӣ имкон доданд, ки тағйироти мусбат дар организм ҳангоми чорабиниҳои барқароркунӣ ба нақша гирифта шаванд.

Раванди ислоҳот дар низоми маориф афзудани диққатро ба тадбирҳои мониторингӣ ҳамчун ҷанбаи муҳими баланд бардоштани сатҳи сифатии раванди таълим пешбинӣ менамояд. Дар доираи фасли мазкур марҳалаҳои асосии мониторинги педагогӣ дар қаринаи амалисозии вазифаи раванди таҳсилот зимни ҳифзи саломатӣ муайян гардиданд.

Хулосаҳои ин мониторинг ҳангоми таҳлили ниҳоии натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ аз мавқеи баҳодиҳии умумии сатҳи самаранокии технологияи коркард ва тариқи озмоиш санҷидашуда ба назар гирифта шуданд.

Дар фасли сеюми ин боб «**Самаранокии технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар муҳити таҳсилоти коллеҷҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон**» муайян карда шудааст. Натиҷаҳои марҳалаи ташаккулдиҳандаи озмоишро таҳлил намуда, мо пеш аз ҳама, ба сатҳи динамикаи раванди таълим, аз ҷумла, ба чигунагии амалишавии ҷузъҳои шахсиятӣ-инкишофдиҳанда, когнитивӣ ва арзишӣ-ангезишии амсила оид ба ҳифзкунии саломатӣ дар раванди таълими муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир кардем.

Муайян кардани сатҳи самаранокӣ бо ёрии методикаҳои гуногун амалӣ гардид, аз он ҷумла: мушоҳидаи мунтазам; таҳлили мунтазами натиҷаҳои тестҳо, суҳбатҳо, пурсишҳо ва ғ.; маҷмӯи машқҳо барои ошкор кардани самаранокии методикаҳо; ҷамъбасти натиҷаҳои мониторинги кори мақомоти маъмурӣ-идоракунии муассиса.

Натиҷаҳое, ки баъди мусоҳибаҳо, анкетагирӣ ва навъҳои дигари таҳқиқот ба даст омаданд, оид ба дарки аҳамияти фаъолияти ҳифзи саломатӣ аз ҷониби донишҷӯён гувоҳӣ медиҳанд, ки инро афзудани ангезиши ботинӣ барои тарзи солими ҳаёт, истифодаи технологияҳои ҳифзи саломатӣ исбот карданд.

Дар доираи озмоиши ташаккулдиҳанда ҳамчунин баҳодиҳии мавқеъ ва самтгириҳои ҳаёт аз ҷониби донишҷӯён амалӣ гардид.

Зимни таҳлили ташаккул ёфтани фарҳанги ҳифзи саломатӣ аз ҷониби донишҷӯён савол оид ба муносибати донишҷӯён ба моддаҳои нашъаовар ҷой дошт, ки натиҷаҳои онро мо дар диаграммаи поён инъикос кардем.




**Диаграммаи 3. Муносибати донишҷӯён ба истифодаи моддаҳои нашъаовар, %.**

Мо ҳамчунин сатҳи ташаккулёбии малакаҳои истифодаи методҳои фароғатро аз ҷониби донишҷӯён муайян кардем, ки онҳо дар рафти тренингҳо ҳангоми марҳалаи ташаккулдиҳанда омӯхтанд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки миқдори донишҷӯёне афзудааст, ки методикаҳои назорати ҳолати эмотсионалии худ ва фароғатро дар сатҳи миёна ва баланд азхуд кардаанд.

Зимни амалисозии ҷузъи когнитивӣ баландшавии назарраси сатҳи ташаккули ҷаҳоншиносӣ оид ба ҳифзи саломатӣ ба қайд гирифта шуд. Фаъол гардидани ҷузъи шахсиятӣ-инкишофдиҳанда ва ба иҷтимоъ мутобиқшавӣ дар афзудани фарҳанги психологӣ ва рушди фарҳанги ҳифзи саломатӣ зоҳир гардид. Миқдори донишҷӯёне зиёд шуд, ки мунтазам бо варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ машғуланд.

Натиҷаҳои зоҳиршавии ҷузъи шахсиятӣ-инкишофдиҳандаи амсилаи технологияи ҳифзи саломатиро дар раванди таълим мо бо раванди рушди «Образи ман» муқоиса кардем. Дар диаграмма динамикаи тағйирёбии ин хусусият инъикос ёфтааст.




**Диаграммаи 4. Динамикаи тағйирёбии «Симои ман»**

Маълумоти диаграмма нишон медиҳанд, ки дар 60% пурсидашудагон ҳаракати мусбат мушоҳида мешавад, динамикаи манфӣ оид ба нобоварии шахс ба нерӯи худ, худбаҳодиҳии паст гувоҳӣ медиҳад.

Дар ҷадвали дигар натиҷаҳои рушди ҳолати ҷисмонии донишҷӯён аз рӯйи ҳамон методикаҳо инъикос ёфтанд, ки дар рафти озмоиши муқарраркунанда истифода шуданд.

**Ҷадвали №8. Нишондиҳандаҳои омодагии ҷисмонии донишҷӯён дар натиҷаи татбиқи технология**

| Аломат | Х±(У±) |
|---|---|
| БКД дар ҳолати оромӣ, зарба/дақ. | 82,03±9,85±1,32 |
| Давидан 12 дақиқа (м) | 1744,3±88,39±11,64 |
| Нишастан бо такя ба пойи чап (маротиба) | 7,31±1,91±0,24 |
| Нишастан бо такя ба пойи рост (маротиба) | 7,60±1,89±0,24 |
| Хамшавӣ ба пеш (см) | 20,83±6,54±0,85 |
| Бардоштани тан (маротиба) | 25,73±5,81±0,73 |
| Аз фарш бо такяи даст боло шудан (раз) | 11,73±5,35±0,74 |
| Ҳаво додани тӯб (м) | 4,03±0,46±0,05 |
| Тести Копилов (сония) | 9,45±0,69±0,1 |

Ин маълумот дар бораи баланд шудани тамоми андозаву нишондиҳандаҳои дар муқоиса бо натиҷаҳои озмоиши муқаррраркунанда гувоҳӣ медиҳанд, аз ҷумла, мо афзудани сифатҳои қувват ва суръат, самтёбӣ, чандирӣ ва тобовариро мушоҳида кардем.

Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ дар бораи беҳтаршавии тамоми нишондиҳандаҳо дар муқоиса бо андозаҳои ибтидоӣ гувоҳӣ медиҳанд:

- беҳтаршавии ҳолати низоми хуну рагҳо рӯй дод, ки инро нишондиҳандаи БКД дар ҳолати оромӣ исбот менамояд;
- тобоварии умумӣ баланд шуда, чандирӣ, самтёбӣ, суръат ва қуввати донишҷӯён афзуданд.

Ғайр аз ин, тағйироти сифатҳои шахсиятии донишҷӯён, аз ҷумла, ҷиҳатҳои иртиботӣ ва эмотсионалии хислати онҳо пайгирӣ карда шуд.

Мо муқаррар кардем, ки шароити мусоиди психологӣ ба баландшавии шавқу рағбати донишҷӯён ба фаъолияти ҳифзи саломатӣ, кӯшиши онҳо барои худтакмилдиҳии ҷисмонӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот дурустии фарзияи мо ва самти интихобшудаи расидан ба ҳадафи таҳқиқотро тасдиқ карданд.




**Диаграммаи 5. Динамикаи зоҳиршавии шавқу рағбати донишҷӯён мутаносибан (аз чап ба рост) ба ҳифзи саломатӣ, ҳамкорӣ бо омӯзгорону ҳамсолон, ба худинкишофдиҳӣ.**

Дар маҷмӯъ, мо самаранокии татбиқи технологияҳои ҳифзи саломатиро дар раванди таҳсилоти муассисаҳои миёнаи таълимии омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карда, дар нуктаҳои зерин ифода карда метавонем:

- ба рушди соҳаи когнитивӣ таҳрики ҷиддӣ дода шуд, ки дар натиҷа соҳаи донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалии донишҷӯён дар бораи саломатӣ ва истифодаи технологияҳои ҳифзи он густариш ёфт;
- ангезиш ба рафтори ҳифзи саломатӣ афзуда, фаҳмиш дар бораи он ташаккул ёфт, ки саломатӣ яке аз омилҳои муҳимтарини комёбии шахсӣ ва касбӣ буда, дарки масъулият барои ҳифзу рушди саломатӣ амиқ гардид;
- тағйироти назарраси мусбат дар ташаккули фарҳанги психологӣ ва ҳифзи саломатӣ, ҳамчунин дар рушди малакаҳои танзими соҳаи эҳсосоти худ рӯй доданд;
- методикаи самаранокии сарбориҳои мунтазами ҷисмониро нишон дод, ки аз рӯйи принсипи мавҷнокӣ зиёд карда мешаванд. Онҳо имкон медиҳанд, ки захираи мутобиқшавии организм, устуворӣ ба изтироб баланд гардад, ки ба ҳолати умумӣ таъсири мусбат мерасонад;
- робитаи байни сатҳи рифоҳу мусоидии фазои таҳсилот ва ҳолати равониву ҷисмонии тамоми субъектҳои раванди таълим ошкор карда шуд.

Дар баробари ин, натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ барои ошкор намудани омилҳое имкон доданд, ки ба раванди ташаккули фарҳанги ҳифзи саломатӣ дар

донишҷӯёни коллеҷҳои омӯзгорӣ таъсири манфӣ мерасонанд: - амалан вуҷуд надоштани таъминоти илмӣ-методӣ ва норасоии кадрҳои педагогӣ; - мониторинги номунтазами амалисозии технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар раванди таълим; - муассисаҳо таълимии миёнаи омӯзгорӣ имконияти худро дар қаринаи андӯхтан ва такмили таҷрибаи фаъолияти ҳифзи саломатӣ нокифоя амалӣ мекунанд; - ба шаклҳои фаъоли раванди таълим таваҷҷуҳ нокифоя аст; - сатҳи таъминоти моддӣ ва таълимиву методии муассиса қаноатбахш нест.

Қайд бояд кард, ки омилҳои зикршуда дар қаринаи муаммоҳои умумии алоқаманд бо ҷорӣ намудани технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар раванди таълими коллеҷҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона таҳлилу баррасӣ мешаванд, ҷустуҷӯи самту воситаҳои вазифаву ҳадафҳои гузошта фаъолона идома дорад.

## ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

***Дар доираи хулоса мо натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, хулосаҳо ва тавсияҳои калидиро ифода намудем:***

1. Зери мафҳуми ҳифзи саломатӣ мо маҷмӯи воситаҳову шаклҳои ҳаёти ҳаррӯзаи инсонро мефаҳмем, ки таҳкими вазъи тандурустии ӯ ва инкишофи иқтидори захиравии организми онро имкон медиҳанд. Он қисми таркибии ҳамгирои раванди таҳсилот дар муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар донишҷӯён муносибатро ба саломатӣ ҳамчун яке аз омилҳои калидии рақобатпазирии онҳо, фаъолияти бомуваффақияти касбӣ ва хушбахтии оилавиро ташаккул медиҳад.

2. Фаъолияти ҳифзи саломатии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омилҳое вобаста мебошад, ки аз байни онҳо сиёсати давлатро дар соҳаи маориф, шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии кишвар, анъанаҳои миллӣ дар соҳаи тарбияи насли ҷавон ва тарзи солими ҳаёт, муҳити иҷтимоӣ ва ғайраро қайд бояд кард.

3. Фазои таҳсилоти муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори ташаккули муносибати бошууронаи донишҷӯён ба саломатии худ ва майлу кӯшиш барои тарзи солими ҳаёт аҳамияти махсус дошта, ҷанбаҳои зеринро дарбар мегирад, ки бо масъалаҳои ҳифзи саломатӣ алоқаманданд:

- истифодаи густурдаи имконияти фанҳои гуманитарӣ зимни ташаккули низоми арзишҳо ва ҷаҳоншиносии ҷавонон;
- истифодаи васеи воситаҳо, методҳо ва технологияҳое, ки барои амалисозии бомуваффақияти ҷанбаи ҳифзи саломатии раванди таҳсилот мусоидат менамоянд.

4. Дар донишҷӯёни коллеҷҳо ташаккул ва инкишофи ҷаҳоншиносии ба ҳифзи саломатӣ самтгиранда ба сатҳи сифати омодасозии омӯзгорони оянда, самаранокии раванди коркарду татбиқи амалии технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад, ки коркарди амсилаи технологияи ҳифзи саломатиро асоснок намуд ва он дар раванди таҳсилоти коллеҷи омӯзгорӣ амалӣ гардид.

Ин амсила имкон медиҳад, ки фаъолияти ҳифзи саломатӣ дар фазои таҳсилоти муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати раванди педагогии муназзам, том ва технологӣ баррасӣ шавад.

5. Технологияҳои ҳифзи саломатӣ ҳамчун ҷанбаи муҳими раванди таҳсилот дар муассисаҳои миёнаи таълимии омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

- вижагии тафриқавӣ, вақте ки сарбориҳо мақсаднок ва бо афзоиши батадриҷ амалӣ мегарданд;
- хусусияти маҷмӯии таъсирот, ки рушди афзалиятноки хусусиятҳои алоҳидаи ҷисмониро пешбинӣ наменамояд;
- самтгирӣ ба ташаккули малакаҳои худтанзимкунӣ ва худназорат.

6. Маълумоте, ки дар натиҷаи озмоиш ба даст омаданд, самаранокии технологияи ҳифзи саломатиро дар доираи раванди таҳсилоти коллеҷҳои омӯзгорӣ тасдиқ карданд, ки чунин зоҳир гардид:

- рушди назарраси ҷузъи когнитивӣ, ки ба туфайли он доираи фаҳмиши муҳассилин оид ба муаммоҳои саломатӣ ва зарурати фаъолияти ҳифзи саломатӣ густариш дод;
- сатҳи ангезиш барои ҳифзу мустаҳкам намудани саломатии худ афзун шуд;
- ташаккули фарҳанги ҳифзи саломатӣ, қобилияти назорати эҳсоси худ фаъол гардид;
- миқдори донишҷӯёне назаррас афзуд, ки бо варзишу машқҳои ҷисмонӣ мунтазам машғуланд, ҳолати функсионалии онҳо беҳтар шуд.

7. Аз байни муаммоҳое, ки ба амалисозии самараноки технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон монеъ мешаванд, инҳоро қайд мекунем:

- таваҷҷуҳи нокифоя ба ҷанбаҳои акмеологӣ ва валеологӣ дар доираи омодагии касбӣ;
- норасоии кадрҳои омодаи педагогӣ, ҳамчунин таъминоти нокифояи назариявию методӣ;
- хусусияти номунтазами мониторинги равандҳои амалисозии технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар раванди таҳсилот ва ғ.

Таҳқиқоти мазкур ба ҳалли кулли муаммои вобаста ба самаранокии технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгорӣ даъво намекунад. Дар оянда бояд ба таҳқиқи шароитҳои педагогии низоми ягонаи истифодаи технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар макотиби олӣ барои ҳифзи саломатии донишҷӯён пардохт.

***Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:***

1. Шароити педагогӣ ва ташкилие бояд фароҳам оварда шаванд, ки барои амалисозии амсилаи ҳифзи саломатӣ дар доираи фазои таҳсилоти муассисаҳои таълимии омӯзгории миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд, аз ҷумла:

- коркарди амсила оид ба пешгӯии раванди ташаккули ангезиш дар соҳаи ҳифз ва мустаҳкамкунии саломатӣ;
- дуруст ба нақша гирифтани вақт, ки барои навъҳои гуногуни фаъолияти хусусияташ солимкунанда ҷудо шудааст, татбиқи технологияҳои педагогии самаранок дар доираи раванди таълиму тарбия зимни фаъолнокии ҳифзи саломатӣ;

- истифодаи иқтидори тарбиявии фанҳои ҳамҳудуд, мисли психология, таърих, фалсафа ва ғ.;

- тарҳрезии таъсироти мутақобили самаранок байни омӯзгор ва хонандагон бо мақсади дар онҳо ташаккул додани самтгириҳои ҷаҳоншиносона ва низоми арзишҳо;

- дар муассисаи таълимӣ ташкил кардани муҳити мусоид барои амалисозии ҷанбаи раванди таълим, ки бо ҳифзи саломатӣ алоқаманд аст.

2. Ҳамчун мақсади ниҳоии истифодаи густурдаи технологияҳо ва методикаҳои ҳифзи саломатӣ дар раванди таҳсилот ташаккули инсони ҳаматарафа ва мутаносиб инкишофёфтаро бояд фаҳмид, ки самтгириҳои арзишии ӯ ба ҳифзи саломатӣ, дарк намудани он ҳамчун арзиши асосии инсон ва омили калидии комёбии шахсиятӣ ва касбии ӯ равона гардида, дар баробари ин, ӯ барои расидан ба мақсади мазкур кӯшиш намуда, хоҳони саломатии мустаҳками худ аст.

3. Зимни татбиқи технологияи ҳифзи саломатӣ хусусиятҳои вазъи дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, анъанаҳои миллии халқи тоҷикро дар назар бояд дошт, ҳамчунин таҷрибаи хориҷиро дар ин соҳа мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, онро ба шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ бояд кард.

4. Яке аз вазифаҳои асосие, ки пеши муассисаҳои таълимии омӯзгории миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудаанд, омодагии омӯзгорони оянда бо истифодаи фаъолонаи технологияи ҳифзи саломатӣ мебошад, ки воситаи беҳтарини дар онҳо ташаккул додани малакаву донишҳо дар соҳаи саломатӣ, ҳалли вазифаҳои таълимиест, ки барои ба донишҷӯён омӯзонидани истифодаи босаводонаи иқтидору имконияти организмашон равона гардидаанд.

5. Сабабҳои асосии паст шудани сатҳи солимии донишҷӯён кори давомнок дар паси компютер, камҳаракатӣ, риоя накардани реҷаи ғизохӯрии мувофиқшуда, мавҷудияти одатҳои бад, сатҳи нокифояи мутобиқшавии организм ба сарбориҳои ҷисмонӣ, зиёд будани вазни бадан ва ғайра мебошанд.

6. Истифодаи амсилаи аз ҷониби мо коркард ва татбиқшудаи ҳифзи саломатӣ дар доираи раванди таҳсилоти коллеҷҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки дар бораи раванди таълим дар маҷмӯъ бо назардошти тамоми робитаҳои қисмҳои таркибии он тасаввуроти возеҳро ҳосил намоянд, то бо дарки раванду хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ корро оид ба ташаккули ҷаҳоншиносии ҳифзи саломатӣ дар донишҷӯён ба роҳ монанд, ки муносибатро ба фаъолияти ҷисмонӣ ҳамчун меъёри зиндагӣ, омили муҳимтарини худинкишофдиҳӣ, рақобатпазирӣ, комёбии касбӣ ва шахсӣ пешбинӣ менамояд.

7. Амалисозии амсилаи мазкур барои расидан ба натиҷаҳои зерин имкон медиҳад:

- дар донишҷӯён ташаккул додани фаҳмиши зарурати фаъолнокии мунтазами ҷисмонӣ ҳамчун омили калидии мутобиқшавии ҷисмониву иҷтимоӣ, комёбиҳоиояндаи касбӣ ва шахсӣ;

- дар ҷавонон парваридани кӯшишу рағбат ба худтакмилдиҳӣ, маҳорати дуруст баҳо додани рафтору қарорҳои худ;

- дар донишҷӯён ташаккул додани фарҳанги ҳифзи саломатӣ, майлу кӯшиши доимӣ ба рушди ҷисмонӣ.

Таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳалли пурраи масъалаҳои алоқаманд бо коркарди технологияи ҳифзи саломатии донишҷӯён дар доираи раванди таълими коллеҷҳои омӯзгорӣ даъво намекунад.

Дар оянда ба таҳқиқи шартҳои педагогии технологияи ягонаи ҳифзи саломатии донишҷӯён дар низоми омодагии мутахассисони соҳаҳои гуногун дар мактаби олӣ бо фарогирии тамоми зинаҳои низоми таҳсилот рӯй овардан мувофиқи мақсад аст.

## МУНДАРИҶАИ АСОСӢ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ШУДААНД:

### I. Мақолаҳое, ки нашрияҳои тақризии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд:


[1-М]. Почоев Б.Ҳ. асосҳои психологию педагогии ташкили кори таълимии ёрирасон барои ташаккули малакаву маҳорати хонандагони хурдсол[Матн]. / Б. Почоев. // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2019. - №4 (61). - С. 177-179. - ISSN 2077-4990.

[2-М].Почоев Б.Ҳ. Хусусиятҳои омӯзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим дар таҳқиқотҳои илмӣ. [Матн] / Б. Почоев. // Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2020. - №4 (32). – С. 78-83. - ISSN 2617-5620.

[3-М]. Почоев Б.Ҳ. Аҳамияти педагогии зарбулмасалҳо барои таълими кӯдакон ва мактаббачагон[Матн]. / Б. Почоев, Одилзода Д. // Номаи донишгоҳи давлатии Бохтар. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2020. - №1-3 (77). - С.110-113. ISSN 2663-5534.

[4-М].Почоев Б.Ҳ. Моҳият ва махсусиятҳои пажӯҳиши масоили ҳифзи саломатӣ дар таҳқиқотҳои соҳаи психология ва педагогика. [Матн]. / Б. Почоев. // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2020. - №4 (65). - С.248-253. - ISSN 2077-4990.

[5-М]. Почоев Б.Ҳ. Ҷанбаҳои технологияи ҳифзи саломатӣ дар муҳити таълими коллеҷҳои педагогӣ. [Матн]. / Б. Почоев. // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2020. - №1-4-2 (80). - С.109-113. ISSN 2663-5534.

[6-М]. Почоев Б.Ҳ. Мӯҳтавои технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар коллеҷҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]. / Б. Почоев. // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2021. - №3 (68). - С. 155-164. - ISSN 2077-4990.

[7-М]. Почоев Б.Х. Эффективность здоровьесберегающих технологий в образовательной среде педагогических колледжей Республики Таджикистан [матн]. / Б. Почоев. // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2022. - №2 (71). - С. 136-146. - ISSN 2077-4990.

[8-М]. Почоев Б.Х. Моделирование здоровьесберегающих технологий в образовательной среде педагогического колледжа. [матн]. / Х.М. Сабури, Б.Х. Почоев // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2023. - №1 (74). - С. 59-71. - ISSN 2077-4990.

## II. Мақолаҳои дар нашрияҳои дигар чопшуда:

[9-М]. Сущность и особенности изучения проблем здоровья в исследованиях в области психологии и педагогики [текст]. / Б.Х. Почоев. / Актуальные проблемы повышения квалификации преподавателей высших учебных заведений в период независимости (материалы республиканской научно-практической конференции, посвящённой 30 летию государственной независимости Республики Таджикистан (Душанбе, 23 июня 2021 года). - Душанбе: Эр-граф, 2021. – С.114-125. (elibrary ID: 46247241).

[10-М]. Почоев Б.Ҳ. Хусусиятҳои инкишофи ҳифзи саломатӣ дар муҳити таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]./ Б.Ҳ. Почоев., // Маҷмӯаи мақолаҳои «Раҳоварди олимони ҷавон». – Хуҷанд: «Нури маърифат», 2021. – С. 463-468.

[11-М]. Почоев Б.Ҳ. Равишҳои назарӣ-методологӣ роҷеъ ба масъалаи ҳифзи саломатӣ дар муҳити таълимии муассисаҳои касбӣ. [Матн]./ Б.Ҳ. Почоев., // Маҷмӯаи мақолаҳои «Раҳоварди олимони ҷавон». -Хуҷанд «Нури маърифат», 2021. – С. 488-492.

[12-М]. Почоев Б.Ҳ. Усули таҳияи моделҳо ва нақши он дар ҳалли муаммоҳои педагогӣ. [Матн]./ Б.Ҳ. Почоев., // Маҷмӯаи мақолаҳои «Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон». Қисми 2. - Хуҷанд, 2021. – С. 253-256.

[13-М]. Почоев Б.Ҳ. Технологияи таълими фарҳанги саломатӣ. [Матн]./ Б.Ҳ. Почоев. // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ: «Технологияи таълими фарҳанги саломатӣ» ба муносибати 30- солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии МДТ-и “ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров” таҳти унвони «Масъалаҳои рушди илмҳои психология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммо ва дурнамо» Хуҷанд: «Нури маърифат» -2022. – С. 390-393.

[14-М]. Почоев Б.Ҳ. Муҳимияти истифодаи технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]./ Б.Ҳ. Почоев. // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Дурнамои рушди таҳсилоти олӣ дар замони ҷаҳонишавӣ” (ш. Хуҷанд, 28 октябри соли 2022). - Хуҷанд: «Нури маърифат», 2022. – С. 335-339.

# АННОТАТСИЯИ

диссертатсияи Почоев Бахтовар Ҳотамович дар мавзӯи «**Технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар муҳити таълимии коллеҷҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ)

***Вожаҳои калидӣ**: раванди таҳсилот, технологияҳои ҳифзи саломатӣ, коллеҷи омӯзгорӣ, амсилаи технология, самаранокӣ, озмоиши муқарраркунанда, озмоиши ташаккулдиҳанда, ҷаҳоншиносӣ ва фарҳанги ҳифзу мустаҳкамкунии саломатӣ, саломатии ҷисмонӣ ва эмотсионалӣ*

***Муҳиммияти мазӯи таҳқиқот.*** Дар ҷомеаи муосир фаҳмиши зарурати дигаргунсозии ҷаҳоншиносии шаҳрвандоне тақвият меёбад, ки бошуурона ба худтакмилдиҳӣ кӯшиш доранд, масъулияти худро барои ҳифзи саломатиашон дарк намуда, аҳамияти солимиро ҳам бароиояндаи худ ва ҳам бароиояндаи тамоми ҷомеа дарак медиҳанд.

Самтгирии сиёсати таҳсилот дар ҷумҳурии мо ба ҳифз ва мустаҳкам кардани саломатии насли ҷавон дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар гардида, солимгардонии ҷавонон тариқи машғул шудан бо тарбияи ҷисмонӣ яке аз ҷанбаҳои асосии фаъолияти ҳифзкунандаи солимӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар мебошад.

**Муаммои таҳқиқот** аз он иборат аст, ки технологияи ҳифзкунандаи саломатӣ дар раванди таҳсилоти муассисаҳои миёнаи касбии омӯзгорӣ амсиласозӣ шавад, ки тавозуни байни қисми таълимии фаъолияти коллеҷ ва ҳифзи саломатии донишҷӯёни онро имкон медиҳад.

**Ҳадафи таҳқиқот:** аз ҷиҳати назариявӣ асоснок асоснок намудан, коркарду дар амалия санҷидани амсилаи технологияи ҳифзкунандаи саломатӣ дар доираи раванди таҳсилоти коллеҷҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Нововарии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, асоснокии методӣ ва назариявии ҳифзи саломатии донишҷӯёни коллеҷҳои омӯзгорӣ пешниҳод гардид, ки ангезиши онҳо ба тарзи солими ҳаёт бо мақсади амалисозии имконияти худ дар сатҳи шахсиятӣ ва касбӣ равона шудааст; ангезиши донишҷӯён барои амалисозии фаъолияти солимгардонанда дар раванди таҳсилот ҳамчун таҳкурсии такомули шахсӣ ва касбӣ асос ёфтааст; асоснокии дидгоҳҳо оид ба технологияи ҳифзкунандаи саломатӣ дар раванди таҳсилоти коллеҷҳои омӯзгорӣ пешниҳод гардид, ки асоси онро иттилоот оид ба сатҳи таҳсилоти донишҷӯён ва вазъи саломатии онҳо ташкил медиҳад; технологияи ҳифзи саломатӣ коркард шуд, ки татбиқи принсипи модулиро ҳамчун заминаи амалисозии маҳрукҳои инфиродии таҳсилот пешбинӣ менамояд, ки зимни онҳо сатҳи ташаккулёбии салоҳиятҳои касбии донишҷӯён ва вазъи саломатии онҳо ба назар гирифта мешаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки татбиқи натиҷаҳои он дар раванди таҳсилоти коллеҷҳои омӯзгорӣ самаранок амалӣ кардани қисми ҳифзи саломатӣ дар раванди таҳсилот имкон медиҳад. Дар рафти таҳқиқоти озмоишӣ коркард ва ҷорӣ намудани амсилаи технологияи ҳифзи саломатӣ дар муассисаҳои таълимии миёнаи омӯзгории кишвар амалӣ гардид, ки барои баланд бардоштани сатҳи сифати раванди таълимро имкон медиҳад; воситаҳои самташон ташхисӣ коркард шуданд, ки баҳодиҳӣ ва назорати самараноки вазъи фаъолияти ҳифзи саломатиро дар муассисаи таълимӣ фароҳам меорад.

# АННОТАЦИЯ

диссертации Почоева Бахтовара Хотамовича на тему **«Здоровьесберегающие технологии образовательного процесса в педагогических колледжах Республики Таджикистан»** на соискание ученой степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.08 – Теория и методика профессионального образования (педагогические науки)

***Ключевые слова***: *образовательный процесс, здоровьесберегающие технологии, педагогический колледж, модель технологии, эффективность, констатирующий эксперимент, формирующий эксперимент, мировоззрение и культура сохранения и укрепления здоровья, физическое и эмоциональное здоровье*

***Актуальность темы исследования.*** В современном обществе усиливается пониманию того, что назрела необходимость в изменении мировоззрения в плане воспитания сознательных, стремящихся к самосовершенствованию граждан, осознающих ответственность за сохранение своего здоровья, и важнейшее значение, которое здоровье каждого человека имеет как для его судьбы, так и для судьбы всего общества.

Направленность образовательной политики Республики Таджикистан на сохранение и укрепление здоровья молодого поколения закреплена на законодательном уровне, а оздоровление молодежи через занятие физической культурой является одним из основных аспектов здоровьесберегающей деятельности учебных учреждений нашей страны.

Проблема исследования заключается в том, чтобы смоделировать технологию здоровьесбережения в рамках образовательного процесса в педагогических колледжах, что позволяет обеспечить баланс между учебной составляющей деятельности колледжа и сохранением здоровья его студентов.

**Цель исследования**: теоретически обосновать, разработать и апробировать на практике модель технологии здоровьесбережения в рамках образовательного процесса в педагогических колледжах Республики Таджикистан.

**Научная новизна исследования** состоит в методическом и теоретическом обосновании здоровьесбережения студентов педагогических колледжей, мотивированных на ведение здорового образа жизни; разработана модель технологии здоровьесбережения в рамках образовательного процесса педагогических колледжей, основанная на мотивации студентов к активной оздоровительной деятельности в рамках образовательного процесса как фундамента личностного и профессионального совершенствования; разработана здоровьесберегающая технология в образовательном процессе, предусматривающая применение модульного принципа как основы для реализации индивидуальных образовательных траекторий с учетом уровня сформированности профессиональных компетенций студентов и их состояние здоровья.

**Практическая значимость исследования** обусловлена тем, что применение его результатов в образовательном процессе средних профессиональных учебных учреждений Республики Таджикистан позволит эффективно реализовать здоровьесберегающую составляющую образовательного процесса в педагогических колледжах. В ходе экспериментального исследования разработана и практически внедрена модель технологии здоровьесбережения.

# ANNOTATION

dissertation of Pochoev Bakhtovar Khotamovich on the topic "Health-saving technologies of the educational process in pedagogical colleges of the Republic of Tajikistan" for the degree of candidate of pedagogical sciences in the specialty 13.00.08 - Theory and methodology of vocational education (pedagogical sciences)

***Keywords****: educational process, health-saving technologies, pedagogical college, technology model, efficiency, ascertaining experiment, formative experiment, worldview and culture of health preservation and promotion, physical and emotional health*

**Relevance of the research topic.** In modern society, there is a growing understanding that there is a need to change the worldview in terms of educating conscious citizens striving for self-improvement, aware of the responsibility for maintaining their health, and the vital importance that the health of each person has both for his fate and for the fate of the whole society.

The focus of the educational policy of the Republic of Tajikistan on the preservation and strengthening of the health of the younger generation is fixed at the legislative level, and the improvement of youth through physical education is one of the main aspects of the health-saving activities of educational institutions in our country.

The problem of the research is to model the technology of health saving as part of the educational process in pedagogical colleges, which makes it possible to ensure a balance between the educational component of the college's activities and the preservation of the health of its students.

**The purpose** of the study: to theoretically substantiate, develop and test in practice a model of health saving technology within the framework of the educational process in pedagogical colleges of the Republic of Tajikistan.

**The scientific** novelty of the study lies in the methodological and theoretical substantiation of the health protection of students of pedagogical colleges, motivated to lead a healthy lifestyle in order to realize themselves as much as possible at the personal and professional levels; a model of health saving technology has been developed within the framework of the educational process of pedagogical colleges, based on the motivation of students for active health-improving activities within the framework of the educational process as the foundation of personal and professional improvement; substantiated approaches to the issues of designing health saving technology in the educational process of secondary pedagogical educational institutions, which is based on information about the educational level of students and their health status; a health-saving technology has been developed in the educational process, which provides for the use of the modular principle as the basis for the implementation of individual educational trajectories, taking into account the level of formation of students' professional competencies and their state of health.

**The practical** significance of the study is due to the fact that the application of its results in the educational process of secondary vocational educational institutions of the Republic of Tajikistan will effectively implement the health-saving component of the educational process in pedagogical colleges. In the course of the pilot study, a model of health saving technology was developed and practically introduced into the educational process of pedagogical colleges of the Republic of Tajikistan, which made it possible to improve the quality level of the educational process; diagnostic tools have been developed that allow for the assessment and effective monitoring of the state of health-saving activities in an educational institution.

Ба матбаа ____.____.____. супорида шуд.
Ба чопаш ____.____.____. имзо шуд.
Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Чопи рақамӣ. Ҷ.ч.ш. 3,25.
Дар матбааи «Нури маърифат» чоп шудааст.

---

735700, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 20-ум, бинои таълимии 3.
Супориши ___. Адади нашр 100 нусха.

Сдано в набор ____.____.____.
Подписано в печать ____.____.____.
Шрифт Times New Roman Tj.
Усл. печ.л. 3,25. Печать цифровая.
Отпечатано в типографии «Нури маърифат»

---

735700, г. Худжанд, 20 квартал, учебный корпус №3.
Заказ № ___.Тираж 100.